ФАРМОИШИ
РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «12» 08 соли 2025 №293/оу ш. Душанбе

Дар бораи аз баррасӣ бозхонд намудани парвандаи
аттестатсионӣ оид ба дарёфти унвони илмии дотсент

Мутобиқи сархати шашуми моддаи 16 ва сархати ҳафтуми қисми 2 моддаи 17-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ", сархати чорум, банди 18-и Низомномаи Муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки бо фармони Президенти Ҷумҳури Точикистон аз 10.11.2021, № 270 тасдиқ шудааст, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Парвандаи аттестатсионии Амонов Шуҳрат Шодиевич оид ба дарёфти унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси "Тибби клиникӣ" бо хоҳиши худаш аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, дар ин асос дархостномаи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино рад карда шавад.

2. Пешниҳоди такрории парвандаи аттестатсионии Амонов Ш.Ш. дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шавад.

3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ байторӣ ва аграрӣ (Холмуродзода Фазлиддин) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоишро дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб ҷойгир намояд.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи мудири шуъбаи коргузорӣ ва назорат Бахтиёр Шарифзода вогузор карда шавад.

Асос: аризаи довталаб аз 12 августи соли 2025

Муовини раис М. Шарифзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ